«Тасдиқ мекунам»
Ректори ДДОТ ба номи
Садриддин Айнӣ
профессор
________А.Ибодуллозода
«20» 03 2024

**Хулосаи**

**кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносӣ доир ба диссертатсияи Каримов Қадриддин Облобердиевич дар мавзӯи «Таҳлили муқоисавии ақидаҳои маорифпарварии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш» ҷиҳати дарёфти дараҷаи доктор PhD – и фалсафа аз руи ихтисоси 6D020100 – фалсафа.**

Ҷаласаро мудири кафедраи умумидонишгоҳии фалсафа ва фарҳангшиносии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ н.и.ф., дотсент Саидова Г.З. ифтитоҳ намуда, ба ҳайати профессорон ва устодони кафедра муроҷиат намуда қайд намуд, ки имрӯз мувофиқи нақша диссертатсияи хатмкардаи докторантураи доктор PhD – и назди кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносӣ Каримов Қадриддин Облобердиевичро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор хоҳем дод. Рисолаи докторант Каримов Қ. О. – ро чаҳор доктори илм ва ҳафт дотсент мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор додаанд. Сухан барои арзёбӣ ба докторанти доктор PhD – и фалсафаи назди кафедра Каримов Қ. О. барои ибрози нуктаҳои асосии диссертатсия дода мешавад. Докторант Каримов Қ. О. чунин маъруза намуд:

Осори арзишманди Жан Жак Руссо - маорифпарвари франсавӣ, файласуф ва педагог ва Аҳмади Дониш - мутафаккири тоҷик, поягузори равияи маорифпарварӣ дар Осиёи Марказӣ - ҷузъи фарҳанг, сармояи маънавии ташаккули қобилияти зеҳнии инсоният маҳсуб меёбанд. Зеро мазмун ва моҳияти онҳоро мавзӯъҳое ташкил медиҳанд, ки дархӯри талаботи ҷомеаи муосир, аз ҷумла масъалаи дарки мафҳуми инсон, системанок ба роҳ мондани раванди таълиму тарбия ва ба камол расонидани инсон, таъсиси оила ва риояи талаботи никоҳ, таъсиси ҷомеа ва риояи принсипҳои адолат ва баробарии иҷтимоӣ ҳангоми иҷро кардани усулҳои идоракунии давлат, дар маҷмӯъ муносибати инсон нисбат ба табиат ва худии худ ҷиҳати пайдо кардани ҷойгоҳи мувофиқ дар раванди муносибатҳои иҷтимоӣ ва ғайра мебошанд.

Аз ин рӯ, таҳқиқ ва мутолиа кардани ин бозёфтҳои маънавӣ дар madди аввал аз он ҷиҳат муҳим мебошанд, ки ҳама гуна зиддиятҳое, ки дар назарияи тарбияи муосир ҷиҳати ҳалли мушкилоти фаҳмиши инсон ва ба камол расонидани ӯ ҳамчун субъект ба миён меоянд, бартараф

менамояд. Аз тарафи дигар, афкори фалсафии ҳар ду мутафаккир ҷанбаи **ратсионалистӣ** дошта, ҳаллу баррасии масъалаҳои мавҷударо аз доираи ақл пешниҳод мекунанд ва ба неруи эътимодбахши ақл боварӣ доранд.

Бо назардошти гуфтаҳои қаблӣ таҳқиқи масъалаи мазкур низ аз он ҷиҳат аҳамиятнок аст:

1) дар асоси ба эътибор гирифтани арзишҳои ду фарҳанг: Аврупо ва Шарқ хонанда ва пажӯҳишгар метавонад маълумоти воқеиро оид ба сарчашмаҳои пайдоиш, ҷиҳатҳои умумиятдошта ва хусусиятҳои фарққунандаи равияи маорифпарварӣ, марҳилаҳои рушди он дар Франсия ва Осиёи Миёна ба даст оварад;

2) ба пешниҳоду тавсияҳои Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш нисбати тағйир додани сохтори идораи сиёсии ҷомеа, ки дар натиҷа барои ба вуҷуд омадани ҷунбишҳои гуногуни фикрию инқилобӣ дар Франсия ва Осиёи Миёна ҳамчун замина нақш бозиданд, шинос гардад;

3) идеяи мутафаккирон дар бобати он ки нобаробариҳои иҷтимоӣ бузургтарин фасоди ҷомеа буда, аз моликият сарчашма мегирад, идеали масъулини идораҳои давлатӣ ҷиҳати риоя доштани адолати иҷтимоӣ ва роҳ надодан ба нобаробариҳои ҷамъиятӣ бошад;

4) халқро ҳамчун манбаи ҳокимият эътироф карда, дар ҳалли масъалаҳои меҳварии ҷомеа райъи онҳоро ба эътибор гирифтан аз рукнҳои асосии ҷомеаи демократӣ мебошад, ки ҳар ду мутафаккир аз он ҷонибдорӣ мекунанд;

5) тибқи талаботи консепсияи тарбияи табиии Ж.Ж. Руссо ва назарияи тарбияи Аҳмади Дониш барои ташаккули инсон нақши се омил муҳим аст: табиат, муҳити иҷтимоӣ ва моликият. Ин омилҳо имрӯз низ барои тарбия ва ба камол расонидани инсон нақши муассир доранд, ки аз актуалӣ будани идеяҳои маорифпарварон гувоҳӣ медиҳад ва ғайра.

Мубрамияти илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқи ин масъалаҳо зарурати пажӯҳиши мавзӯи мазкурро ба миён овард.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он хулоса мешавад, ки бори аввал:

- дар Франсия ва Осиёи Миёна пайдоиши маорифпарварӣ дар доираи нишон додани ҷиҳатҳои умумиятдошта ва хусусиятҳои фарққунадаи он таҳқиқ карда шуданд;
- шарҳи ҳол ва мазмуну моҳияти осори Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш ба таври мухтасар мавриди таҳлил ва муқоиса қарор гирифтанд;
- сарчашмаҳои идеявии ташаккулёбии ақидаҳои маорифпарварии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш дар чорчӯбаи маъхазҳои таърихӣ-илмӣ асоснок карда шуданд;
- вазъи баррасии масъалаи инсон ва иртиботи ӯ бо ҷомеа дар таълимоти Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш дар доираи асарҳои бунёдии онҳо мавриди таҳлил ва муқоиса қарор гирифтанд;

- моҳияти фалсафии консепсияи тарбияи табиии Жан Жак Руссо ва ҷиҳатҳои умумиятдошта ва хусусиятҳои фарққунандаи он аз назарияи тарбияи Аҳмади Дониш илман таҳқиқ ва нишон дода шуданд;

- таъсири ақидаҳои маорифпарварии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш дар ташаккули афкори фалсафии ҳамасрон ва мутафаккирони баъдина мавриди таҳлилу муқоиса қарор дода шуданд.

**Нуктаҳои асосие, ки ба дифоъ пешниҳод мешаванд:**

1) Чи дар Франсия ва чи дар Осиёи Миёна маорифпарварӣ бар зидди муносибатҳои феодалӣ ва барҳам додани нобаробариҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ зуҳур карда, бар худ характери зидди феодалӣ касб карда буд. Аммо дар тафовут аз Франсия дар Осиёи Миёна дар баробари режими феодалӣ, низоми идоракунии мустамликавӣ заминаи дигаре барои рушди афкори маорифпарварӣ бозид, ки дар натиҷа ба худ характери зидди мустамликавиро низ касб кард.

2) Дар Франсия марҳилаҳои рушди маорифпаврарӣ ба се давра тақсим карда мешаванд. Марҳилаи якум, ба марги Людовики XIV (соли 1715), ки ҳамчун анҷоми фалсафаи классикӣ мебошад, рост меояд. Намояндагони асосии марҳилаи мазкур Шарл Луи Монтескё (1689-1755) ва Франсуа Мари Аруэ Волтер (1694-1778) буданд. Марҳилаи дуюми ташаккул ва рушди ҷараёни маорифпарварӣ ба номи Д. Дидро (1713-1784) ва энсиклопедистҳо иртибот дорад. Дар аввалин донишнома ё луғати тафсирӣ, ки солҳои 1751-1780 таҳия шуд, мафҳумҳои асосии илмҳои табиатшиносӣ, физикаю риёзӣ, иқтисод, сиёсат, корҳи муҳандисӣ ва санъат шарҳу тафсир карда шуданд. Марҳилаи сеюм, ин солҳои 1760-1770-ро дар бар мегирад, ки дар он вақт идеяҳои Жан Жак Руссо дар ҷомеаи Франсия тарғиб шуда, оқибат бо рӯй додани Инқилоби бузурги Франсия анҷомид. Аммо дар Осиёи Миёна мариҳлаҳои рушди маорифпарварӣ ба ду давра ҷудо карда мешаванд. Марҳилаи якум ба насли аввали маорифпарварон: Аҳмади Дониш, Ҳайрат, Савдо, Шоҳин, Аҷзӣ, Мирзо Сироҷ ва ғайра иртибот дошта, намояндагони марҳилаи дуюмро, ҷадидон: Садриддин Айнӣ, Абдулвоҳиди Мунзим, Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ ва дигарон ташкил медоданд.

3) Ҳам дар Франсия ва ҳам дар Осиёи Миёна идеали асосии маорифпарваронро тарғиби илму маориф, такя кардан ба қувваи эътимодбахши ақл, ислоҳи барномаҳои таълимии мактабу мадрасаҳо ташкил медиҳад. Ин идеали маорифпарварони Франсия дар тағйир додани сохти идораи давлатӣ, ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, пайдоиши ҷунбишҳои озодихоҳию ислоҳталабӣ рисолати таърихии худро иҷро кард, вале дар Осиёи Миёна маорифпарварон натавонистанд рисолати худро дар назди ҷомеа иҷро кунанд.

4) Ақидаҳои маорифпарварона-ислоҳотхоҳонаи Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш худ ба худ ташаккул наёфта, дорои сарчашмаҳои идеявӣ мебошанд. Агар барои ташаккули ақидаҳои пешқадамонаи Аҳмади Дониш андешаҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ-сиёсии классикон, китоби муқаддаси Қуръон, ҳадисҳо, вазъи иҷтимоӣ-сиёсии замони зиндагии маорифпарвар, таассуроти сафарҳо аз Россияи подшоҳӣ ва осори гуногуни дар мамолики хориҷи аморати Бухоро ба нашррасида, нақши бориз гузошта бошанд, пас дар ташаккули афкори Жан Жак Руссо ақидаҳои иҷтимоӣ-сиёсии Гуго Гротсий, Томас Гоббс, Ҷон Локк, Ш.У. Монтескё, вазъи сиёсӣ-иҷтимоии замони зиндагии мутафаккир, натиҷаи сафарҳои ӯ ба мамолики Аврупо таъсири амиқ гузоштанд. Андешаву пешниҳодҳои ҳар ду маорифпарвар нисбати дигаргун сохтани сохтори идораи сиёсии ҷомеа ба ҳам монандӣ дошта, барои ба вуҷуд омадани ҷунбишҳои гуногуни фикрию инқилобӣ ҳамчун замина хизмат карданд. Аз ҷумла ба вуқӯъ омадани Инқилоби бузург дар Франсия ва ҷунбишҳои оммавӣ дар Осиёи Миёна аз идеяҳои ин маорифпарварон маншаъ гирифтааст.

5) Ба андешаи ҳар ду мутафаккир нобаробариҳои иҷтимоӣ бузургтарин фасоди ҷомеа буда, сарчашмаи зуҳур кардани онҳо моликият аст. Жан Жак Руссо ин масъаларо дар осори худ амиқтар таҳқиқ карда, қайд мекунад, ки дар табиат низ нобаробариҳо мавҷуд аст. Аммо ин нобаробариҳо ба ҳеҷ кас барои таскини шаҳвати худ монеъ намешаванд, ҳеҷ касро аз кор кардан бахри рафъи эҳтиёҷоти худ маҳрум намекунанд ва ҳамаро озод ва хушбахт нигоҳ медоранд. Аммо нобаробариҳое, ки дар ҷомеа пайдо мешаванд сабаби ба табақаҳо ҷудо шудани мардум мегарданд, ки дар таълимоти Аҳмади Дониш низ он яке аз масъалаҳои калидӣ мебошад.

6) Аҳмади Дониш инсонро неруи пешбарандаи ҷомеа меҳисобад ва ҳама гуна арзишҳои тамаддуниро, ки ба рушди ҷомеа мусоидат мекунанд, эътироф карда, истифодаи онҳоро муҳим арзёбӣ медорад. Аммо бар хилофи ақидаи ӯ Жан Жак Руссо рушди босуръати ҷомеа ва арзишҳои тамаддуниро сабаби зиёд гардидани фасод меҳисобад. Яъне, чи қадар ҷомеа мутамаддинтар бошад, ҳамон қадар хароботар аст. Он маҳсуле, ки инсони мутафаккир ва мутамаддин эҷод кардааст беҳтарин далели харобии одамиён аст, зеро аз фасод пайдо шуда, фасодро зиёдтар мекунад. Аммо дар доираи ин андеша маорифпарвар завқи табиӣ, зиндагии озоди инсон, ки табиат ба ӯ додааст, бозгардонидан мехоҳад. Ҳарчанд баъдан дар асари “Қарордоди иҷтимоӣ”-и худ эътироф мекунад, ки на фақат бозгашт ба зиндагии табиӣ инсонро бадбахт мекунад, балки таназзул ҳам медиҳад. Зеро инсони мутамаддин аз баъзе ҷиҳат аз инсони табиӣ бартарӣ дорад. Дар маҷмӯъ маорифпарвар ҳаргиз

инсонҳоро даъват накардааст, ки ба ҳолати зиндагии табиӣ баргарданд, балки пешниҳод менамояд, ки азамати фикру такомули ахлоқии одами тарбиятшударо маҳфуз дошта, дар айни ҳол хушқалбӣ, озодӣ ва саодатеро, ки инсон ба таври табиӣ доро буд, ба ӯ баргардонад.

7) Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш хонаводаро қадимтарин ячейкаи иҷтимоъ ҳисобида, арзёбӣ мекунанд, ки ҷомеа ба хотири ҳимояи аъзоёни худ таъсис дода мешавад ва ҳадафи асосии он ба саодати умумӣ расонидани мардум аст. Хусусан, Жан Жак Руссо қайд мекунад, ки ҷомеае, ки он дар асоси бастани қарордод ва ба саодат расонидани мардум бунёд мешавад дар он адолати иҷтимоӣ риоя гашта, дар идоракунии он ба зулму истибдод роҳ дода намешавад. Дар доираи қарордод мардум зуд ва бидуни ҳеҷ истисное аз кулли ҳуқуқҳои табиии худ сарфи назар мекунанд ва муттаҳид мешаванд, ки минбаъд ҳеҷ қудрате ғайр аз он чи ки қарордоди иҷтимоӣ ва қонун ба онҳо эҷод мекунад ба кор набаранд. Мавқеъе, ки мардум аз кулли ҳуқуқҳои табиии худ сарфи назар мекунанд комилан бо ҳам баробар мешаванд.

Аҳмади Дониш низ адолатро маншаъи асосии риояи баробарии иҷтимоӣ шуморида, нисбат ба маорифпарвари франсавӣ ба сарвари сиёсӣ чунин тавсия медиҳад, ки дар ҷомеае, ки ба панҷ омили муҳим аҳамият дода намешавад, дар он пешравию тараққиётро умед кардан номумкин аст: 1) подшоҳи кишвар одил ва боҳайбат бошад; 2) амалдорони идораи давлатӣ золиму ситамгар набошанд; 3) соҳаи тандурустӣ рушдкарда бошад ва табибони ҳозиқ аз уҳдаи ташхиси амроз ва табобати беморон баромад тавонанд; 4) мардумони кишвар маърифатнок, ҳалиму доно ва меҳрубон бошанд ва 5) кишвар аз обҳои ҷорӣ, чашмаву коррезҳо таъмин бошад.

8) Барои Ж.Ж. Руссо мабдаъи иродаи умумӣ халқ аст. Халқ масъалаи манфиатнок будан ё набудани қонунҳоро оид ба мувофиқат кардан ба иродаи умумии онҳо, тавассути раъйпурсӣ ҳал мекунад. Аз ин рӯ, яке аз хусусиятҳои хос ва фарққунандаи таълимоти Ж.Ж. Руссо аз дигар маорифпарварон дар он аст, ки ӯ дар қабули карору қонунҳо новобаста аз он ки онҳо фоиданок ва ақлонӣ ҳастанд ва ё не, бояд раъйи халқ ба асос гирифта шавад. Дар сурати ба инобат нагирифтани раъйи халқ онҳо ғайривоқеӣ буда, танҳо фармоиш маҳсуб мeёбанд. Аммо Аҳмади Дониш ин масъаларо дар дигар сатҳ мавриди таҳқиқ қарор дода, қайд мекунад, ки шӯрои машваратӣ, ки аз ҳисоби намояндагони тамоми қишрҳои ҷомеа таъсис дода мешавад дар интихоби сарвар ва амалдорони дарбор бояд раъйашон ҳалкунанда бошад.

9) Дар асоси консепсияи тарбияи табиии Жан Жак Руссо ва назарияи тарбияи Аҳмади Дониш барои ташаккули ҳаёти маънавии инсон нақши се омил муҳим аст: табиат, муҳити иҷтимоӣ ва моликият.

Аммо Жан Жак Руссо нисбат ба муҳити иҷтимоӣ ва чизҳо ба омили табиӣ бартарият дода, қайд мекунад, ки одамон ва моликият танҳо барои тарбияи кӯдак шароит фароҳам меоваранд. Хусусан, одамон бо роҳи маҷбуркунӣ озодиҳои табиии кӯдакро барҳам медиҳанд ва андешаи дигаронро иҷборан ба ӯ бор мекунанд. Тамаддун низ фасоду зулмро ривоҷ дода, ба озодиҳои табиии инсонҳо монеа эҷод мекунад. Ҳамзамон ҷавҳари тарбияи табиии маорифпарварро тарбияи озод ташкил медиҳад ва барои тарбия кардани инсони комил таъмини талаботи мухталифро вобаста ба синну сол дар чор марҳила, ки аз ҳам фарқияти ҷиддӣ доранд, ҳатмӣ мешуморад: аз рӯзи таваллуди кӯдак то дусолагӣ, то ташаккули нутқ; аз дусолагӣ то дувоздаҳсолагӣ; аз 12 - солагӣ то 15-солагӣ ва аз 15-солагӣ то давраи камолот. Вале Аҳмади Дониш нақши ҳар се омилро дар ташаккул ва ба камолрасии инсон муҳим мешуморад, аз рушд ва тарққии ҷомеа истиқбол мекунад.

10) Ба андешаи ҳар ду мутафаккир тағйир додани сохти идоракунии ҷомеа бо ду роҳ амалӣ карда мешавад. Якум, бо роҳи маърифатнок кардани мардум ва дуюм, тавассути инқилоб. Аз ин рӯ, идеяҳои онҳо барои ташаккули ҷаҳонбинии мутафаккирони насли баъдӣ ва пайдо шудани ҷунбишҳои фикрӣ ва инқилобҳо мусоидат намуданд.

Илова бар ин, маводи таҳқиқшуда, натиҷа ва хулосаҳои бадастомадаро ҳангоми хондани курсҳои махсус ва тадриси фанни таърихи фалсафа низ истифода намуд.

Автореферат ва мақолаҳои нашрнамудаи докторант моҳияти диссертатсияро фаро гирифта, ба он ҳамоҳанг карда шудаанд.


1. **Каримов Қадриддин Облобердиевич**. Консепсияи тарбияи Табии Жан Жак Руссо ва моҳияти фалсафии он//. «УДК: 1Ф 6.3 Ахбори АИҶТ № 4.» 27.03.2020.
2. **Каримов Қадриддин Облобердиевич.** Пайдоиши маорифпарварӣ дар Франсия ва Осиёи Марказӣ: умумият ва фарқият//. “Вестник Таджикского национального университета” (ISSN) 23.09.2020 год. №7 стр. 195 – 201.
3. **Каримов Қадриддин Облобердиевич**. Ихтилофи байни зиндагии табиӣ бо зиндагии мутамаддин аз дидгоҳи Жан Жак Руссо//. “Вестник Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни” (ISSN) 16.04.2021 год. №1 стр. 29 – 35.
4. **Каримов Қадриддин Облобердиевич.** Таъсири ақидаҳои иҷтимоӣ-сиёсии Аҳмади Дониш дар ташаккули афкори ислоҳотхоҳии ҳамасрон ва мутафаккирони баъдӣ//. “Вестник Таджикского государственного университета коммерции” (ISSN) 03.02.2022 год. №4 160 – 165.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Каримов Қадриддин Облобердиевич дар мавзӯи «Таҳлили муқоисавии ақидаҳои маорифпарварии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш» кори илмии комилу анҷомёфта мебошад ва онро метавон барои ҳимоя тавсия намуд.

Дар ҷаласа иштирок карданд 18 нафар. Натиҷаи овоздиҳи кушода, ҷиҳати ба ҳимоя пешниҳод шудани диссертатсияи Каримов Қадриддин Облобердиевич ба тариқи зайл сурат гирифт: Тарафдор – 18 нафар; зид – нест, бетараф нест. Суратҷаласаи №9 аз 20.03.2024.

Раиси ҷаласа: мудири кафедраи фалсафа
ва фарҳангшиносии ДДОТ
ба номи Садриддин Айнӣ
н. и.ф. дотсент Саидова Г.З.

Муқарриз: н. и.ф. дотсент: Мирасанов М.
Котиб ҷаласа: н. и.ф. дотсент: Бердиев Ш.П.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус:
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Мустафозода А.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ